ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА - 028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ, 6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ оид ба диссертатсия:

1. Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич – диссертанти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

2. Дараҷаи дарёфт-доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ).

3. Мавзӯъ: “Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор”.

4. Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

5. Роҳбари илмӣ – Маҳмадҷонов Олимҷон Обидҷонович, доктори илми филологӣ, профессор.

6. Диссертатсияи Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич ба таҳқиқи таҳлили калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ бахшида шудааст. Азбаски дар заминаи таҳлили калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ ҳанӯз таҳқиқоти илмии ҷиддӣ сурат нагирифтааст, дар ин диссертатсия кӯшиш ба ҳарҷ дода шудааст, ки вижагиҳои калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ дар намунаи маводи осори Абдулло Қаҳҳор бо роҳи муқоиса мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Вожагони иқтибосӣ воқеан дар ҳар як забон дар ҳаёти ҳамарӯза истифода мешаванд ва ба воситаи онҳо инсонҳо фикри худро возеҳтар ва пуробурангтар ифода мекунанд.

7. Омӯзиши хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор ҷолиб ва қобили мулоҳиза мебошад. Мақсад ва

вазифаҳои таълиф, ки дар диссертатсия муайян гардидаанд, дар се боби он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Навгонии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки дар ин диссертатсия бори нахуст таҳлили муқоисавии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар забони осори нависандагони ӯзбек, махсусан дар заминаи осори Абдулло Қаҳҳор мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки натиҷаи илмии таҳқиқоти калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ барои рушди бахшҳои гуногуни забоншиносӣ чун маводи назариявӣ ва амалӣ хизмат менамояд. Ҳамчунин маводи диссертатсия имкон дорад, ки ҳангоми омӯхтани калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ ва муқоисаи онҳо дар забони ӯзбекӣ, хондани курсҳои махсус оид ба иқтибосшавии калимаҳо, тайёр кардани дастуру лексияҳо барои фанни “Забои адабии ҳозираи ӯзбек” ва “Забои адабии ҳозираи тоҷик” мавриди истифода қарор дода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро ҳамчунин ҳангоми коркарди масъалаҳои муқоисавии забонҳои ӯзбекиву тоҷикӣ метавон истифода намуд. Маводи диссертатсияро дар таҳқиқотҳои минбаъда оид ба масъалаҳои типология, услубшиносӣ ва тарҷумашиносӣ, инчунин барои тайёр намудани монографияҳо дар ин соҳаи илм метавон мавриди истифода қарор дод.

Зимни таълифи диссертатсия аз усулҳои диахронӣ, синхронӣ, таҷзия, калимасозӣ, этимологӣ ва лингвистии таҳлил истифода ба амал омадааст.

Диссертатсияи таҳқиқотии Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ, 6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ мувофиқ аст. Автореферат ва 8 мақолаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумораи мақолаҳои чопшудаи диссертант чор мақола дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР интишор гардидаанд:

[1-М]. Исмоилов Б. А. Таснифи калимаҳои тоҷикии забони ӯзбекӣ аз рӯйи соҳаҳои истеъмол дар осори Абдулло Қаҳҳор /Б. А. Исмоилов // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон –Душанбе, 2017. -№ 4/5. -С. 24-29. (ба забони тоҷикӣ).

[2-М]. Исмоилов Б. А. Назаре ба омонимшавии вожаҳои тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ /Б. А. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон–Душанбе, 2017. -№4/6. -С. 37-42. (ба забони тоҷикӣ).

[3-М]. Исмоилов Б. А. Иқтибосшавии вожагони тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ: мутобиқшавии савтиётӣ ва хусусиятҳои онҳо /Б. А. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ - Душанбе, 2018. -№3(75). -С.177-184. (ба забони тоҷикӣ).

[4-М]. Исмоилов Б. А. Пешвандҳои серистеъмоли забони тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ /Б. А. Исмоилов // Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода -Душанбе, 2020. -№3 (39). -С.167-175. (ба забони тоҷикӣ).

8. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич “Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагонии қтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаххор” кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Ба ин асос, метавон ин диссертатсияро барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ, ки дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тасдиқ шудааст, ба ҳимоя иҷозат дод.

Аз шумораи умумии узви Шӯро рамзи ихтисоси муҳаққиқони зерин бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст:

- Ҷаматов С.С. – доктори илмҳои филологӣ, профессор;
- Раҳматуллозода С.Р. –доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қосимов О.Ҳ. – доктори илмҳои филологӣ, профессор;
- Нозимов А.А.– доктори илмҳои филологӣ, профессор;
- Турсунов Ф.М. – доктори илмҳои филологӣ, профессор;
- Хоҷаева С.О. – доктори илмҳои филологӣ, профессор;

– Мирбобоев А. – номзади илмҳои филологӣ, дотсент;

Комиссияи экспертӣ тавсия менамояд, ки ба сифати муқарризони расмӣ доир ба диссертатсияи Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич Мухторов Зайниддин Мухторович, доктори илми филология ва Ҳайдаров Муҳаммадёр Маҳмадумарович, номзади илми филология, омӯзгори кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи милли Тоҷикистон таъйин карда шаванд.

Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тавсия карда мешавад.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

Доктори илмҳои филологӣ: **Турсунов Ф. М.**

Доктори илмҳои филологӣ: **Қосимов О. Ҳ.**

Доктори илмҳои филологӣ: **Ҳомидов Д. Р.**

05. 08. 2020